# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи «Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Дар ҷомеаи муосир ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ яке аз вазифаҳои басо мубрам мебошад, зеро донистани тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон масъалаи мубрами замон ба ҳисоб меравад.

Ба ҳамин асос дар назди таҳқиқотчиёни кишвар вазифаи асосии омӯзиши ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ ва объекти раванди сиёсии ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад.

Масъалаи ташаккули арзишҳои оилавии ҷавонон, баланд бардоштани сатҳи маърифати он дар ҷомеа аз солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар суханрониҳои хеш ба муносибати Рӯзи модар, дар мулоқотҳои хеш ба аҳли ҷамоатчигии кишвар оид ба ҳифзи оилаи солиму босаодат ва нақши он дар таҳкими амнияту субботи ҷомеа таъкид менамуд.

Дар суханронии хеш ба муносибати Рӯзи модар (06.03.2015) Пешвои миллат, қайд намуданд, ки: “Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбад”.

Аз ин рӯ, рисолаи номзадии Неъматов Р.Ҳ. «Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ)», яке аз мавзуъҳои глобалӣ буда, масъалаҳои зеринро таҳқиқ менамояд:

– ошкор намудани асосҳои назариявӣ-амалии хусусиятҳои методии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ.

Барои ноил шудан ба ҳадаф ва санҷидани фарзияи дар назди худ гузоштасшуда вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:

– мафҳуми “арзишҳои оилавӣ” ҳамчун дараҷаи илмӣ-педагогӣ, психологӣ-иҷтимоӣ ва муқаррар будани хусусиятҳои хоси онҳо муайян карда шаванд;

– ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ҷавонони донишҷӯ дар шароити нави иҷтимоию фарҳангӣ, ки ба тарбияи омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ равона гардида, ба қонуниятҳо, принсипҳо ва муносибатҳои педагогӣ асос ёфта, таҳия ва санҷида шаванд;

– системаи меъёрҳо, нишондиҳанда ва дараҷаҳои ташаккулпазирии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавони донишҷӯ муқаррар гарданд нигаронида шудаанд.

Барои ҳамин ба ҳар як шахси солимфикр аён аст, ки камолёбии инсон, адаб ва ташаккули ақлу хиради ӯ боиси саодатмандии ҷомеа, тараққиву рушди соҳаҳои мухталифи касбу ҳунар барои ҳар як давлат аст. Аз ин рӯ, вазифаи аввалиндараҷаи оила, ҷомеа ва вазифаҳои муҳими таъсиррасонӣ, аз ҷумла шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ аз он иборат мебошад, ки насли имрӯзаро дар руҳияи инсондӯстию хайрхоҳӣ, некбинию некандешӣ тарбия намуда, ба воя расонад. Зеро дар ҳар давру замон баҳри ташаккулёбии тафаккури одам, эҳё ва равнақи сатҳи маънавии мардум нақши арзишҳои оилавӣ бағоят бузург аст. Зиндагиву ҳаёти паси сарнамудаи онҳо достони ибратомӯзест, ки оилаи солиму босаодатро ба илмомӯзӣ, маърифатомӯзӣ, корнамоӣ, бунёдкорӣ, созандаву офаранда будан дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ ҳидоят мекунанд.

Ҳамчунин, масъалаи ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар қатори гузаронидани конфронсу мизҳои мудаввар дар сатҳи факултетҳо ба роҳ монда шавад, ки дар фишурдаи ин кор воқеъбинона дарҷ гардидааст.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки донишҷӯёни даврони истиқлол захираи бузурги маънавӣ ва зеҳнии ҷамъияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор мераванд. Ба шарофати маълумоти академие, ки сарчашмаи донишҳои бунёдии фишанги тавонои фарҳангӣ мебошад, тамоми хотираи фарҳангии мардуми кишвар абадӣ маҳфуз дошта мешавад. Дар раванди иҷтимоишавии насли ҷавони мамлакат солҳои донишҷӯӣ давраи муҳим хоҳад буд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки рисолаи номзадии Неъматов Рамазон Ҳусниддинович «Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни

муассисаҳои олии касбӣ)», таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогика ва
психологияи синфҳои ибтидоии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Фозилов С.М.**

12.02.2024

Суроға: ш. Душанбе, н.И.Сомонӣ, кучаи Н.Додоихудоев 3/7
Тел: (992) 985 75 65 55. Сурогаи эктронӣ: suhrobf@inbox.ru

Имзои дотсент С.Фозиловро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус **Мустафозода А.А.**

Нишонӣ: 734003 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел: 224-13-83, e-mail: info@tgpu.tj